«Тасдиқ мекунам»:
ректори Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон, профессор
Хушвахтзода К.Х.
_____
«10» 04 _____ 2022

ХУЛОСАИ
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи **“Ифодаи мафҳуми ҷинсият ва таҳаввуллоти шаклию маъноии он дар забони адабии муосири тоҷикӣ”** дар кафедраи забони адабии муосири тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

Муродзода Мукаррамаи Рачабалӣ соли 2015 факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси «филолог, муаллими забон ва адабиёти тоҷик» хатм кардааст. Ӯ соли 2016 ба ҳайси аспиранти кафедраи забони адабии муосири тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар бахши рӯзона дохил шуда, онро соли 2019 хатм намудааст.

Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳони номзадӣ санаи 08.08.2019, № 452 дода шудааст.

Роҳбари илмӣ: Музофиршоев Мамадалишо – номзади илмҳои филология, дотсенти кафедраи забони адабии муосири тоҷикии ДМТ.

Мавзуи диссертатсия дар шурои олимони факултети филологияи ДМТ санаи 29.01.2016, қарори № 5 тасдиқ шудааст.

Дар рафти муҳокимаи диссертатсия хулосаи зерин қабул гардид:

Дар кори диссертатсионӣ вожаҳои ифодакунандаи мафҳуми ҷинсияти алоқаманд ба исмҳои шахс аз лиҳози таҳаввули маъноӣ ва сохтор, муносибатҳои маъно ва бархӯрди мутақобилаи он маъноҳо, инчунин, ҷанбаҳои гендерии калимаҳои ифодакунандаи ҷинсият таҳқиқу баррасӣ шудаанд.

Аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот дар он аст, ки натиҷа ва хулосаҳои пешниҳодшуда дар он имкониятҳои фаровонеро барои пажӯҳишҳои минбаъда дар забоншиносӣ, хосатан луғатшиносии тоҷик, масъалаҳои марбут ба калимаи аслии тоҷикӣ, инкишоф ва таҳаввулоти маъноӣ ва шакли он, тавсеаи маънои вожа ва муносибатҳои гендерӣ дар забони имрӯзаи тоҷикӣ мусоид месозад. Моҳияти амалии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки дастовардҳои диссертатсияро дар таҳия ва таълифи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимии фанни луғатшиносӣ, забоншиносии равонӣ ва иҷтимоӣ барои факултету шуъбаҳои филология, журналистика, психология ва сотсиологияи мактабҳои олӣ, ташкили курсҳо ва семинарҳои махсус, корҳои амалӣ ва лаборатории фанҳои луғатшиносӣ, луғатнигорӣ, услубшиносӣ, матншиносӣ; таълифи корҳои курсӣ, хатм ва магистрӣ метавон истифода кард.

Поя ва асоси назариявии диссертатсияро таҳқиқу пажӯҳиш ва дастовардҳои олимони соҳаи луғатшиносӣ, забоншиносии иҷтимоӣ ва гендерӣ ба мисли: Э. Сепир, В. С. Расторгуева, Ю. А. Рубинчик, А.В. Кирилина, Ҳ. Маҷидов, Ф. Амонова, М. Т. Муҳаммадҷонова, А. Мирбобоев ва дигарон ташкил намудааст.

Навгонии илмии таҳқиқот. Азбаски ҷинсият ҳамчун категорияи грамматикӣ дар забони тоҷикӣ вуҷуд надорад, дар забоншиносии муосири тоҷик масъалаҳои аксари пажӯҳишҳо берун аз доираи ин масъала сурат гирифтаанд. То ҳол масъалаҳои роҳҳо ва василаҳои ифодаи ҷинсият, таҳаввулоти маъноию сохтории вожагони мансуб ба ҷинси занона ё мардона, муносибатҳои маъноӣ (сермаъноӣ, вазифаҳои муассирию модалии вожаҳои мазкур дар осори бадеии мансур ва манзум) ва дигар масъалаҳои марбут ба онҳо зери таҳқиқоти махсус ва ҷиддӣ қарор нагирифтаанд. Аз ин ҷост, ки дар ин диссертатсия бори аввал масъалаҳои номбаршуда роҷеъ ба луғати ифодакунандаи ҷинсияти табиӣ, мавқеъ ва вазифаҳои хоси онҳо дар нутқ, имкониятҳои ҳамнишинию мувофиқат, ифодаи маъноҳо, муносибати иҷтимоии соҳибони забон бо чунин вожаҳо

(муносибати гендерӣ) ва доираи истеъмоли онҳо дар услубҳои гуногуни нутқ баррасӣ мегардад. Таснифи пурратари ин навъ вожаҳо аз ҷиҳати ифодаи маъно ва хусусиятҳои грамматикиашон низ дода мешавад.

Мақсади таҳқиқот. Ошкор ва муқаррар намудани таҳаввулот ва бозтоби маъноии вожагони ифодакунандаи мафҳумҳои ба ҷинсият марбут матлаби асосии ин диссертатсия мебошад.

Вазифаҳои илмии таҳқиқот. Мутобиқ ба ҳадафҳои номбаргардида ҳалли масъалаҳои зер муҳим шуморида мешавад:

- ҷамъоварӣ ва ба тартиб даровардани маводи зарурӣ аз осори бадеии муосири тоҷикӣ;
- омӯзиш ва пажӯҳиши масъалаҳои назарии вожаҳои мансуб ба маъноҳои ҷинсият;
- муқаррар намудани ташаккул ва таҳаввули таърихии вожагони ифодакунандаи мафҳумҳои ба ҷинсият марбут;
- таҳлили хусусиятҳои маъноии вожаҳои таҳти назар дар асоси маводи фарҳангҳои тафсирӣ ва этимологӣ;
- муқаррар намудани муносибатҳои маъноӣ ва баҳодиҳии луғати мансуб ба маъноии ҷинсият;
- ошкор кардани таҳаввулоти қиёфаи овозии вожаҳои маъноии ҷинсиятро далолаткунанда;
- то дараҷае муайян намудани муносибатҳои ичтимоии соҳибони забон (муносибатҳои гендерӣ) бо калимаҳои ифодакунандаи мафҳуми ҷинсият.

Муаллиф масъалаҳои зеринро барои ҳимоя пешниҳод кардааст:

– дар забони тоҷикии имрӯз ҷинсияти грамматикӣ вуҷуд надорад, аммо воситаҳои дигари ифодаи ҷинсият арзи ҳастӣ мекунанд, ки дар диссертатсия моҳият, сифат ва дараҷаи истеъмоли онҳо муқаррар гардидаанд;

– масъалаҳои назарии забоншиносии феминистӣ ва гендерии муосир дар амалкарди забони тоҷикӣ муайян гардиданд;

– муқаррар гардид, ки забони тоҷикӣ дар гузашта хусусияти падаршоҳӣ доштааст, ки таъсири он дар нутқи соҳибони имрӯзаи забон мушоҳида мешавад;

– ошкор гардид, ки аз лиҳози ифодаи маъноҳои эҳсосотӣ, баҳодиҳӣ ва манзалати иҷтимоӣ вожаҳои ифодакунандаи ҷинсияти мардона афзалият дошта, аксаран тобишҳои мусбат доранд;

– дар калимаҳои мансуб ба ҷинси занона (зан, духтар, бева) тобишҳои иловагии маъноии манфӣ зоҳир мегарданд;

– дигаргуншавӣ (таҳаввулот) аз ҷиҳати қиёфаи овозӣ (шакл) дар тӯли таърих дар калимаҳои ифодагари ҷинсият муқаррар гардид;

– хусусияти сермаъноӣ ва муносибатҳои дигари мансуб ба маъноии лӯғавии вожаҳои ифодагари мафҳумҳои хешовандӣ то андозае ошкор гардиданд;

– муқаррар гардид, ки забони муосири тоҷикӣ хусусияти афзалияти ҷинсиро надорад.

Мухтавои мавзуи диссертатсия дар 4 мақолаи илмӣ, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ба табъ расидаанд, инъикос ёфтааст:

[1-М] Муродзода М. Таҳаввулоти маъноиву шаклии вожаи «бача» дар осори бадеии муосир // Паёми ДМТ. – Душанбе, 2017. –№ 4/6. – С. 54 – 57.

[2-М] Муродзода М. Таҳаввулоти маъноӣ дар инкишофи сохтории вожаҳои «мард» ва «зан» дар асоси асарҳои бадеии муосир. Муродзода Мукаррама // Паёми ДМТ. – Душанбе, 2018. –№ 4. – С. 28 – 33.

[3-М] Муродзода М. Асрори ҷинсияти дастурӣ (грамматикӣ). Муродзода Мукаррама // Паёми ДМТ. – Душанбе, 2018. –№ 6. – С. 131 – 135.

[4-М] Муродзода М.Таҳаввули сохторӣ ва маъноии вожаи «зан» дар забони тоҷикӣ. // Гузоришҳои АИҶТ. - Душанбе, 2020. -№2 (010). – с.227-230.

Дар рафти таҳқиқи мавзуъ, асосан, усули тасвири синхронӣ (ҳамзамонӣ) таълиф гардида, дар таҳқиқи масъалаҳои асосӣ такя бар равияҳои омӯзиши таркибӣ-маъноӣ ва равияи забоншиносии иҷтимоӣ шуда,

аз рӯйи зарурат дар он усулҳои муқоиса, таснифи маъноҳо, инчунин, таҳлили матн низ ба кор бурда шудаанд.

Диссертатсия кори илмии ба анҷомрасида буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ ба ҳимоя тавсия мегардад.

Хулоса дар кафедраи забони адабии муосири тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид.

Кафедраи забони адабии муосири тоҷикии ДМТ диссертатсияи Муродзода Мукаррамаи Рачабалиро кори илмии ба анҷомрасидаи муҳиму мубрам меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқотӣ таълиф шудааст ва ба ҳамаи талаботи кори диссертатсионӣ ҷавобгӯ аст.

Иштирок доштанд: 14 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 14 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест. Суратҷалосаи № 8 аз 30-юми марти соли 2022.

Мудири кафедраи забони адабии
муосири тоҷикӣ, н.и.ф., дотсент Дӯстзода Ҳ.Ҷ.

Котиби илмӣ, ассистент Ҳасанов М.М.

Имзои дотсент Дӯстзода Ҳ.Ҷ.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори РК ва КМ ДМТ Тавқиев Э.Ш.
04.04 соли 2022